**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар марҳалаи муосири рушди низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсияти педагог, салоҳиятнокии ӯ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо хеле муҳиманд. Омузгори имруза вазифаи низомофарандаро иҷро мекунад. Ҷомеаи омузгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад.

Дар ин асос, қайд кардан ҷоиз аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ба муаммои хеле муҳим ва мубрами илмҳои педагогикаи муосир бахшида шуда, аз аҳамияти назарраси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дарак медиҳад.

Рисолаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар мукаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқику баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Аз ҷониби муаллиф дар боби аввали диссертатсия *«Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон»* масъалаҳои муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда таҳқиқ ёфта, шартҳои педагогии ин муносибатҳо мукаррар шуданд, меъёрҳо ва маҷмуи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору мактаббачагон баррасӣ гардидаанд.

Муаллифи рисола дар боби дуюми диссертатсия *«Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон»* муаммои худташхисӣ ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои таҳқиқшаванда анҷом ёфта, самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон санҷида шудаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба

вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи педагогии рушди мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон дар низоми таҳсилот саҳми арзишманд гузорад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Дар хулоса қайд кардан ҷоиз аст, ки автореферати диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии

мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"- ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
Методикаи таҳсилоти ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович

***Маълумот барои тамос:*** *734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121. тел.935063412.*

*Имзои Т. Раҷабовро тасдиқ менамоям:*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон*
*ба номи С.Айнӣ* Мустафозода А.

20.05.2024с.